Амалҳо шаш (даста) ҳастанд, ва мардум чаҳор (даста) ва сипас ду воҷиб аст, мисл ба мисл аст ва як ҳасана (некӣ) баробар аст ба даҳ ҳасанаи ҳаммислаш, як ҳасана баробар аст ба ҳафтсад ҳасана

Аз Хурайм ибни Фотик (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Амалҳо шаш (даста) ҳастанд, ва мардум чаҳор (даста) ва сипас ду воҷиб аст, мисл ба мисл аст ва як ҳасана (некӣ) баробар аст ба даҳ ҳасанаи ҳаммислаш, як ҳасана баробар аст ба ҳафтсад ҳасана. Аммо ду воҷиб: (1) Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ба Худо шарик қоил нашуда бошад, ба биҳишт ворид мешавад. (2) Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ба Худо шарик қоил шуда бошад, пас ба дӯзах ворид мешавад. Мисл ба мисл ин аст, ки: ҳар касе нияти анҷоми кори неке дар дил дошта бошад ва Худованд аз розаш огаҳ бошад барояш як ҳасана навишта мешавад, ва ҳар касе кори баде анҷом диҳад, бар ӯ як бадӣ навишта мешавад. Ҳар касе ҳасанае (некӣ) анҷом диҳад барояш даҳ баробар навишта мешавад. Ҳар касе чизе дар роҳи Худо нафақа кунад, як ҳасанаи ӯ ба ҳафтсад баробар навишта мешавад. Аммо инки мардум чаҳор (даста)-анд: (1) Бархе дар дунё барояшон фаровонӣ ва дар охират маҳдудият хоҳад буд. (2) Бархе дар дунё барояшон маҳдудият ва дар охират барояшон фаровонӣ фароҳам хоҳад буд. (3) Бархе дар дунё ва охират дучори тангдастӣ ва маҳдудият ҳастанд. (4) Ва бархе дигар дар дунё ва охират аз фаровонӣ бархурдор ҳастанд".

[Ҳасан] [رواه أحمد]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки амалҳо бар шаш навъ ва мардум бар чаҳор даста тақсим мешаванд. Амалҳои шашгона иборатанд аз: Якум: Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ба Худованд шарик наёварда бошад, вориди биҳишт хоҳад шуд. Дуввум: Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ба Худованд шарик овардааст, барои абад вориди дӯзах хоҳад шуд. Ин буд ду амри воҷиб, ки дар ҳадиси мазкур зикр шудааст. Сеюм: Амали нек, ки дар он ният бошад. Ҳар касе нияти анҷоми амали нек дар дил дорад ва содиқ дар тасмими худ бошад ва Худованд ҳам аз нияти содиқонаи ӯ огоҳ бошад, аммо ба сабабе аз анҷоми он оҷиз ояд, як ҳасана дар аъмоли ӯ навишта мешавад. Чаҳорум: Амали бад, ки анҷом дода шудааст. Амали бад агар анҷом дода шавад, пас барояш як бадӣ навишта мешавад. Ин ду "мисл ба мисл" буд, ки як дар муқобили як аст ва дучанд ё зиёд намешавад. Панҷум: Даҳ ҳасана (подош) дар баробари як ҳасана. Ҳар касе дар дил анҷоми нияти кори нек кунад ва онро анҷом диҳад, барояш даҳ баробар подош навишта мешавад. Шашум: Як ҳасана, ки ҳафтсад баробар (подош) дар баробари он навишта мешавад. Касе дар роҳи Худо чизе нафақа

кунад, барояш ҳафтсад ҳасана (подош) навишта мешавад, ки ин аз фазл ва карами Худованди бузург бар бандагонаш аст. Аммо инки мардум ба чор даста тақсим мешаванд ба шакли зер аст: Якум: Кофири сарватманд. Касе, ки дар дунё ризқ ва рӯзияш фаровон ва дар нозу неъмат зиндагӣ мекунад, аммо дар охират дучори сахтӣ ва тангдастӣ аст ва сарнавишти ӯ дӯзах хоҳад буд. Дуввум: Мӯъмини фақир. Касе ки дар ин дунё ризқ ва рӯзияш кам, аммо дар охират барояш фаровонӣ ва сарнавишташ ба биҳишт аст. Сеюм: Кофири фақир. Касе аст, ки дар дунё ва охират дучори сахтӣ ва тангдастӣ аст. Чаҳорум: Мӯъмини сарватманд. Касе аст, ки дар дунё ва охират аз фаровонӣ бархурдор аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65014